Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31. 01. соли 2008 №2/17
тасдиқ шудааст

# Низомномаи
# роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯён, рисолаҳои хатмкунии бакалавриат, кори дипломии мутахассис ва магистр дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.*

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1. Фаъолияти илмии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз корҳои илмӣ–тадқиқотии донишҷӯён (КИТД) ва корҳои таълимӣ тадқиқотии донишҷӯён (КТТД) иборат буда, навиштани реферат, омода сохтани маърӯзаву гузоришҳои илмӣ, иҷрои кори курсӣ, рисолаи бакалаврӣ, магистрӣ ва мутахассисро дар бар мегирад.

2. Роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳамин Низомнома ба роҳ монда мешавад.

## 2. Роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯён

3. Роҳбарӣ барои омода намудани маърӯзаву гузоришҳои илмии донишҷӯён аз тарафи тамоми омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз унвон ва дараҷаи илмӣ (ҳам кормандони доимӣ ва ҳам ҳамкорон) ба амал бароварда мешавад;

4. Ҳар як омӯзгор новобаста аз унвон, дараҷаи илмӣ ва мавқеи ишғолкардааш вазифадор аст, ки дар як соли таҳсил роҳбарии омода намудани маърӯзаву гузоришҳои илмии на кам аз ду донишҷӯро дар конференсияҳои илмии факултет, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё дар сатҳҳои дигар ба ӯҳда гирад;

5. Барои роҳбарӣ ва омода намудани маърӯзаву гузоришҳои илмии донишҷӯён сарбории таълимии изофӣ ё маблағи ҷудогона муайян

нагардида, дар қисми дуввуми нақшаи инфиродии омӯзгор сабт карда мешавад;

6. Омӯзгор оид ба омода намудани маърӯзаву гузоришҳои илмии донишҷӯён на кам аз ду маротиба дар як соли таҳсил дар ҷаласаҳои кафедра ҳисобот медиҳад. Ҳисоботи мудири кафедра оид ба ин масъала на камтар аз ду маротиба дар як сол дар Шӯрои олимони факултет, дар сурати зарурат дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шунида мешавад;

7. Барои роҳбарӣ ва омода намудани маърӯзаву гузоришҳои илмии донишҷӯён омӯзгор (корманди доимӣ ва ҳамкор) дар назди кафедра ва факултет масъул аст. Роҳбарӣ барои омода намудани маърӯзаву гузоришҳои илмии донишҷӯён дар қисми дуввуми нақшаи инфиродии омӯзгор сабт мегардад. Дар сурати иҷро нагардидани нақша нисбат ба омӯзгор мувофиқи тартиботи амалкунанда чораҳои маъмурӣ андешида мешавад;

8. Роҳбарӣ барои омода намудани кори (лоиҳаи) курсии донишҷӯён аз тарафи тамоми омӯзгорон новобаста аз унвон ва дараҷаи илмӣ ба амал бароварда мешавад. Шумораи донишҷӯёне, ки таҳти роҳбарии як омӯзгор ба тайёр кардани кори (лоиҳаи) курсӣ машғуланд, ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

ассистент (омӯзгор) то 4 нафар;
саромӯзгор  то 5 нафар;
номзади илм, дотсент то 7 нафар;
доктори илм, профессор  то 7 нафар;
мудири кафедра, профессор 6 нафар;
мудири кафедра, дотсент 6 нафар;

Дар сурати зиёд будани теъдоди донишҷӯён аз шумораи омӯзгорон ва мувофиқат накардани он ба меъёри муайяншуда (аз 4 то 7 нафар) раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад, ҳар сол бо фармони ректор ин меъёрҳоро дар кафедраҳои алоҳида тағъир диҳад.

9. Роҳбарӣ барои омода намудани кори (лоиҳаи) курсии донишҷӯён ба пуррагӣ ба сарбории таълимии солонаи омӯзгор дохил карда нашуда, арзиши соатҳои он мувофиқи ставкаи музди соатбайъ пас аз анҷоми корҳои (лоиҳаҳои) курсии аз тарафи донишҷӯён иҷрогардида ва баъди анҷоми соли таҳсил пардохт карда мешавад. Барои роҳбарӣ ба ҳар як кори курсӣ ба омӯзгор дар як соли таҳсил барои ихтисосҳои гуманитарӣ 8 соат ва барои ихтисосҳои техникӣ ва табиатшиносӣ 10 соат ҷудо карда мешавад;

10. Барои роҳбарӣ ва омода намудани кори (лоиҳаи) курсии донишҷӯён омӯзгор дар назди кафедра ва факултет масъул буда, мунтазам бояд бо донишҷӯён машваратҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ (на кам аз 8-10 соат) гузаронад. Аз натиҷаи иҷрои ин кор ба кафедра ва деканати факултет  ҳисобот пешниҳод менамояд;

11. Ҳимояи корҳои (лоиҳаҳои) курсии донишҷӯён дар кафедра ба таври кушода бо иштироки аъзоёни кафедра таҳти роҳбарии мудири кафедра  сурат мегирад ва натиҷаи он дар журнали махсус қайд карда

мешавад. Ба корҳои (лоиҳаҳои) курсии донишҷӯён баҳои тафриқавӣ («аъло», «хуб», «қаноатбахш» ва «ғайриқаноатбахш») гузошта шуда, он дар варақаи маълумотномаи академӣ, протокол ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ дарҷ меёбад. Дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ баҳои «ғайриқаноатбахш» дарҷ намешавад. Корҳо (лоиҳаҳои) курсии ҳимояшуда 3 сол дар кафедра нигоҳ дошта шуда, баъд аз он дар асоси санад мувофиқи тартиботи амалкунанда, аз эътибор соқит гардонида мешавад.

## 3. Роҳбарӣ ба кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр

12. Роҳбарӣ ва омода намудани кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр аз тарафи саромӯзгорони таҷрибадор, номзадҳои илм, дотсентон, докторони илм ва профессорон ба амал бароварда мешавад;

13. Шумораи корҳои хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр, ки таҳти роҳбарии як омӯзгор иҷро мешаванд, ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

номзади илм, саромӯзгор то 3 нафар;
номзади илм, дотсент то 3 нафар;
доктори илм, профессор то 4 нафар.
мудири кафедра, профессор то 4 нафар;
мудири кафедра, дотсент то 3 нафар;

Барои саромӯзгорони ботаҷрибае, ки унвони илмӣ надоранд роҳбарии корҳои илмии бакалавр ва рисолаҳои дипломии мутахассисон бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ то 2 нафар иҷозат дода мешавад.

14. Роҳбарӣ ва омода намудани корҳои хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр ба сарбории таълимии солонаи омӯзгор дохил карда намешавад. Арзиши соатҳои он мувофиқи ставкаи музди соатбайъ баъди анҷом ва ҳимояи рисолаи хатмкунии бакалавриат, рисолаи дипломии мутахассис, магистр ва гирифтани баҳои мусбат пардохт мегардад;

15. Ба омӯзгор барои роҳбарӣ ба ҳар як кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр дар як соли таҳсил барои ихтисосҳои гуманитарӣ 50 соат, барои ихтисосҳои техникӣ ва табиатшиносӣ (аз ҷумла фанҳои риёзӣ) 55 соат ҷудо карда мешавад;

16. Ба роҳбари корҳои хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр омӯзгор дар назди кафедра, факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъул буда, натиҷаи он дар қисмати корҳои илмии нақшаи инфиродии омӯзгор сабт мегардад;

17. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар сурати дар вақташ ҳимоя намудани корҳои хатмкунии бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис

ва магистр аз тарафи донишҷӯ, метавонад бо истифода аз имкониятҳои молиявӣ роҳбари онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд намояд.

18. Дар сурати иҷро накардани талаботи дар боло зикргардида нисбат ба мудири кафедра ва омӯзгоре, ки чунин мавзӯъҳоро ба бакалавриат, мутахассис ва магистр пешниҳод кардаанд ва ё худ аз онҳо қабул намудаанд, мувофиқи тартиботи амалкунанда чораҳои маъмурӣ, то аз вазифа сабукдӯш кардан андешида мешавад;

19. Ҳимояи қаблии кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр дар кафедра ё факултет, ба таври кушода, бо иштироки аъзоёни комиссияи давлатӣ сурат мегирад ва натиҷаҳои он дар журнали махсус протокол карда мешаванд. Ба корҳои хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр, ки ба талабот ҷавобгӯянд, кафедра ё факултет дар шакли «Ба ҳимоя роҳ дода шуд» хулоса менависад. Рисолаҳо (лоиҳаҳои) дипломии хатмкунандагоне, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд, барои даровардани тағйироту иловаҳо баргардонида мешаванд. Барои ҳимояи қаблии як кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр на зиёда аз ду маротиба иҷозат дода мешавад;

20. Ҳимояи корҳои хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр баъди ба имзо расидани фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҷаласаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраршуда, ба таври кушода, сурат мегирад ва натиҷаи он дар протоколи махсус қайд карда мешавад;

21. Кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр дар се нусха чопи компютерӣ карда шуда, баъди ҳимоя як нусхаи он ба донишҷӯ ва як нусха ба китобхонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, яктои он ба роҳбари илмӣ супорида мешавад. Кори хатмкунии бакалавриат, рисолаҳои дипломии мутахассис ва магистр, ки бомуваффақият ҳимоя карда шудаанд, панҷ сол дар китобхонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нигоҳ дошта шуда, баъд мувофиқи тартиботи муқарраршуда (баъди ба тасвиб расонидани санад ба бойгонӣ супорида мешавад;

22. Низомнома аз рӯзи қабул шуданаш мавриди амал қарор дода мешавад.